22 11 2018



**Парчами миллии мо, парчами Точикистони сохибистиклол дар канори Касри миллат, дар баландии эътимоду эътикод, дар замини мехр ва зербуни мухаббати мо сар ба осмонхо афрохтааст.**

Парчаме, ки рамзи мукаддаси озодӣ ва хувияти миллии халки куханбунёд ва тамаддунпарвари точик аст;
Парчаме, ки намои дурахшон ва оинаи мусаффои таърихи хазоронсолаи халки маърифатофарин ва башардӯсти мост;
Парчаме, ки баланд аст ва сари моро хамеша баланд медорад;
Парчаме, ки ба мо неру, шукӯх ва ифтихори ватандорӣ  мебахшад;
Парчаме, ки ёдхои мозӣ, таърихи миллати хучастахисолро дар худ чилвагар медорад;
Парчаме, ки аз пешбанди чармини Коваи охангар бунёд ёфта, рахнамои мардум дар рохи дарёфти  адлу инсоф гардидааст;
Парчаме, ки  Фаридуни фаррухпай бар алайхи Заххоки морон онро рахнамои пирӯзихо гардондааст, яъне парчами некӣ бар мукобили бадӣ, парчами нишот бар мукобили гаму андух, парчами озодагон бар мукобили зулму истибдод, парчаме, ки шараф ва нангу ори ориёнро бардоштааст;
Ин парчам ба мо на факат шукӯху сарбаландӣ мебахшад, балки эхсоси ватандориро дар мо бедор ва поянда медорад, мухаббати Ватанро дар вучудамон фурӯзон месозад;
Мо бисёрем, аммо парчами мо бо хама нусхахо яктост ва моро дар гирдогирди худ чамъ меорад, ба ягонагӣ дар канори худ мехонад. Дар ин парчам шараф ва нангу номус ва чавонмардихои миллати покизасиришти  мо чилвагар аст;      Ин парчам бо хузури зебо, хузури муборак   ва вучуди бегазанди  худ моро огахӣ медихад, ки барои дифои Ватанамон хамеша бо хама вучуд омода бошем;

Ин парчам намегузорад, ки мо лахзае бе масъулият бошем, форигбол гардем, намегузорад шарафи Ватанамонро аз ёд бубарем;
Ана барои хамин, ин парчам хамеша болост, аз хама чо падидор аст, то мо хамеша онро болои сари худ парафшон бубинем;
Чаро парчамро хамеша боло мебардоранд, дар баландихо насб мекунанд, дар куллахо устувор месозанд? Барои он ки парчам хамеша аз хама чиз болост, болои чашму сари мост, мукаддас аст;
Парафшонихои ин парчам  дар осмони поки кишвари мо маънихои зиёд дорад ва якеаш он аст, ки мо кишвари сулхпарварем ва бо парчами дурахшони худ мардумро ба сулху вахдат, ягонагӣ даъват мекунем. Мо ба худ ва хама олам сулх, оромиву амонӣ ва сарфарозихо таманно дорем;
Рангхои сурху сафеду сабзи парчами мо - рангхои ишку умеду шукуфоиянд, рангхои нишоту некиву химматанд,  он рангхои дурахшони зиндагиянд, ки аз онхо мешавад хама рангхои дигарро бунёд ниход;
Парчами мо нишонаи мухаббати мо ба башар, ба инсоният аст; ишора ва даъватест ба осоиштагӣ ва амонии тамоми Сайёра;
Парчами миллии мо нишони рӯхи бешикаст ва иродаи мустахками миллати мост, ки аз овардхои хунини асрхо, аз обу оташи маргбори замонахо гузаштаву пойдор мондааст;
Бале, боиси ифтихори мост, парчаме, ки аз матои пардахои чону имони мо бунёд ёфтааст ва нowобаста ба  захмхову догхову чарохатхои таърих, имрӯз пойдор аст;
Парчами миллӣ хамеша рамзи ватандорӣ, рамзи хувияти як халк, рамзи садокат ба Ватан, рамзи пойдорист;
Оре, парчамдорӣ русуми миллати сохибтамаддун аст ва мо сарфарозем, ки миллатамон аз аввалин парчамдорони дунё будааст ва хазорон сол пеш ливои рангини худро доштааст, ки дар тӯли таърихи гарону пур аз мочаро онро хамеша бо ифтихор чун чон дар вучуд хифз доштаасту чун имон мукаддас шинохтааст;
Оре, ин парчам хазорсолахо хифз гашт,  гарчи душман борхову борхо  хоки моро бехт, чисми моро сӯхт, аммо парчами мукаддаси  мо хазорсолахо дастнорас барои душманон буд, зеро  ин ливо хамеша дар хуни мо, дар шараёни мо, дар чону дар имони мо хифз мешуд;
Имрӯз ин парчам  бо мост, парчаме, ки дар он хама мукаддасоти мо: шараф, нанг, номус, обрӯ, ифтихор, ирода, матонатамон чамъ омада, рамзи пойдорӣ гардидааст. Ана барои хамин, он кимат аст, азиз аст, дар бахои чон аст;
Инак, парафшон бош, Парчами Точикистони сохибистиклол! Парчами шараф ва номуси миллати некманиш, миллати хайрхоху башардӯст, миллати волотарин оину суннатхои инсонӣ, миллати Наврӯзи хучастапай, миллати хунару фарханг ва шеъру суруд, миллати Шерак, миллати Кова, миллати Испитамон, миллати Рӯдакӣ, миллати Сино, миллати Эмомалӣ Рахмон.
Эй Парчами точикон! Дар фарози бунёди неки мо хазорсолахо парафшон будаӣ, дар фарози мухаббати мо хазорсолахо парафшон бимон!!!

**Камол НАСРУЛЛО, Шоири халкии Точикистон**